«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент __________ Рафиев С.А
«07» майи соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи Айюбзода Хуршеда дар мавзуи «Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)–доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илм.** Диссертатсияи номзадии Айюбзода Хуршеда дар мавзуи «Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои равшанӣ андохтан ба омӯзиш ва таҳқиқи системаи фразеологии "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ", "richness" and "poverty" дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мавриди назар ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ муқаррар шудааст, комилан мувофиқат менамояд.

Дар диссертатсия мавзуе мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносӣ, хосатан ба бахши забоншиносӣ, ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсири мусбат расонида метавонад. Таҳқиқи мазкур, дар баробари он ки таркиби фонди луғавии фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳаммияти ғанӣ дошта, ҳамчунин, заминаи мусоидро барои шинохти ибора ва ба масъалаҳои дигари фразеологияи илми забоншиносӣ фароҳам оварда метавонад.

Фразеология як соҳа таърихи дуру дарозе дошта, дар раванди ташаккул ва такомули хеш ба таҳаввулоти мухталифе рӯ ба рӯ гардиддааст. Ин ҷанба аз равобити фарҳангиву иқтисодӣ ва сиёсиву иҷтимоии забонӣ доштани мардуми фору тоҷик бо дигар халқҳо, аз ҷумла англисҳо сарчашма гирифта, он барои бою ғанӣ гардонидани таркиби луғавии фразеологияи забон бетаъсир намемонад.

Дар диссертатсия мавзуе мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносӣ, хосатан ба бахши забоншиносии муосир ҷиҳати ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсири мусбат расонида метавонад. Таҳқиқи мазкур, дар баробари он ки таркиби фонди луғавии забонҳои гуногунсохтор барои нигоҳдошти масъалаҳои дигари илми забоншиносӣ фароҳам оварда метавонад.

Омӯзиши консепти "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ", "richness" and "poverty" борҳо мавзуи таҳқиқоти илмии забоншиносӣ гардида, мафҳумҳои мазкур ба сатҳи зиндагонии инсонӣ дахл дошта, муносибати одамонро дар ҷамъият муайян мекунад, ки шарҳу тавзеҳ ва тавсияҳои амалиеро дар назар дорад, ки барои ба як низоми муайян даровардани системаи фразеологӣ мавриди таҳқиқ дар забонҳои муқоисашаванда мусоидат менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал консепти "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ", "richness" and "poverty" дар мавзуиву системавии фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ тасниф карда шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ боз дар он зоҳир мегардад, ки роҳу воситаҳои мухталифи консепти "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ", "richness" and "poverty" бо вижагиҳои забонӣ дар системаи фразеологӣ муайян гардида, консепти "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ"-и аслии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дақиқу равшан карда шудаанд.

Диссертант моҳияти масъалаи таҳқиқро дуруст дарку фаҳм намуда, ба андозаи тавон таҳлил намуда, бо назардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ матолиби баррасишавандаро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристн адабиёту манобеъ ба шакл даровардааст.

Ин кори таҳқиқӣ аз арзиши илмиву амалӣ холӣ набуда, он дар забоншиносии тоҷик аввалин пажуҳиши диссертатсионие мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди мавзуи мазкур аз нигоҳи забонӣ ва системаи фразеологӣ аз ҷониби диссертант Айюбзода Х. бахшида шудааст.

Диссертант мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб (нақша) даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат намуда метавонад. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Дар муқаддима тибқи муқарраротт, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, моҳияти амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян ва татбиқи кор тавсиф шудааст.

Боби якуми диссертатсия "**Асосҳои назариявии таҳқиқи консепт**" унвон дошта, аз панҷ зербоб иборат аст. Масъалаҳои баррасишавандаи боби мазкур омӯзиши забоншиносии когнитивии муосир ҳамчун илм, ҷанбаи лингвофарҳангии робитаи забон ва фарҳанг, усулҳои дифференсиалии таърифи консепт, моҳияти тасвири олам ва ташаккули забоншиносии шинохтии ватаниву хориҷӣ баррасӣ шуда, зербоби якум оид ба забоншиносии когнитивии муосир ҳамчун илм баррасӣ гардидааст.

Зербоби дуюми боби аввали диссертатсия бо номи «Ҷанбаи лингвофарҳангии робитаи забон ва фарҳанг» ба масъалаҳои пайдоиш ва рушди лингвофарҳангии робитаи забон дар забонҳои муқоисашаванда таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Зербоби сеюм бошад ба масъалаҳои "Усулҳои дифференсиалии таърифи консепт" равона гардидааст, ки яке аз масъалаҳои баҳсбарангези забоншиносии шинохтӣ масъалаи усули омӯзиш ва шарҳи консептҳо мавриди баррасӣ дар ин боб қарор гирифтааст.

Зербоби чорум "**Роҷеъ ба моҳияти тасвири олам**", моҳияти тасвири забонии ҷаҳон дар шинохти консепт истилоҳ ва мафҳуми "ҷаҳонбинӣ", ки дар асарҳои олимон Г.В. Колшанский, Ю.Н. Караулов, Г.А. Брутян, Н.И. Сукаленко ва дигарон ба таври васеъ дар ин зербоб баррасӣ шудааст.

Зербоби панҷум ба "Ташаккули забоншиносии шинохтии ватаниву хориҷӣ" забоншиносии когнитивӣ баррасӣ гардида, он ҳамчун як бахши илм дар осори забоншиносони амрикоӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Илми когнитивӣ марҳалаи нави омӯзиши робитаи зичи забон ва тафаккур, нақши инсон дар забон ва забон бар инсон мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсияи диссертант "Консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар системаи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ном дошта, аз се зербоб иборат буда, он фарогири масъалаҳои

шакли дохилии консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ”, шарҳи консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар луғатҳои этимологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ифодаи маҷозии консепти “бойигарӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Дар зербоби якум **“**Шакли дохилии консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” таҳлили лексикию маъноии консептҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ шудааст. Дар ин зербоб, диссертант ба масъалаҳои лексемаи майдони ҳудудии когнетивии решагии ба мисли *бой* бо пасвандсози *–гар* сохташуда дар он “*қашшоқ* ” дар доираи забоншиносӣ ва семантикаи иҷтимоӣ таҳқиқ шуда, ки хусусиятҳои сохташавии номҳои мафҳум ва сохти симметрии онҳо шарҳ дода шудааст. Асосҳои ҳосилшавии синхронӣ (тақсимнашаванда) ва сифатҳои пайдоиши умумиславяниро ифода мекунанд, ки изоморфизмро нишон медиҳад. Решаҳои аввали *бог*- ва *бед*-и этимологияи ҳиндуаврупоӣ дошта дар худ маънои муқобилият, тазоди “хушбахтӣ”, “ғам, бадбахтӣ”, доройӣ, молу мулк”**,** “муҳтоҷӣ” доранд. Ба ҷуз, решаи *бог* маънои “қудрати олӣ”-ро дошта, пурӣ ва хушбахтиро ифода мегарданд, дар ин зербоби диссертатсия баррасӣ гардидааст.

Зербоби дуюми боби мазкур **“Шарҳи консептҳои “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” дар луғатҳои этимологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** номида шудааст. Дар ин зербоб муҳаққиқ се ҷузъи асосиро матраҳ намудааст:

Ҷузъи якум ба масоили объективӣ равона шуда, он ҳамчун як қисм аз эҳсосот, дарк ва тасаввурот иборат буда, воқеиятро дар асоси таҷрибаҳои мушаххаси халқҳо инъикос мекунад.

Ҷузъи дуюм ба масоили аксиологӣ буда, дар он унсур низомӣ зеҳнӣ ва мақсадҳои фарҳангиро, ки ба арзиш ва меъёрҳои иҷтимоӣ асос ёфтаанд, дар бар мегирад. Ҷузъи аксиологӣ воситаи пайванди маърифат бо маъноҳои амиқтар ва идеалҳои фарҳангист.

Ҷузъи сеюм модулиро шарҳ дода, дар он қисмати натиҷаи таносуби ҷузъи объективӣ ва аксиологӣ мебошад ва арзёбӣ, эҳсосот ва маҷмуаҳои эҳсосиро дар бар мегирад. Он муносибати халқҳоро бо воқеият ва арзишҳо баён мекунад, диссертант шарҳу тавзеҳотҳои иловагиро муайян сохтааст.

Боби сеюм “Мавқеи консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар фразеологиияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон дошта, аз панҷ зербоб иборат аст. Дар ин боб мувофиқати номи консептҳои таҳқиқшаванда аз лиҳози лингвофарҳангӣ, идиома манбаи асосии консептҳои таҳқиқшаванда, накши  ин консептҳои “бойигарӣ” ва

“қашшоқӣ” дар ташаккули зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таркибҳои когнитивии фразеологӣ ва чараёни инкишофи консептҳои таҳқиқшаванда дар забони тоҷикӣ (дар охири асри XX) баррасӣ шудаанд.

Дар зербоби якум “Таҳлили мувофиқати номи консептҳои таҳқиқшаванда аз лиҳози лингвофарҳангӣ” гуфта мешавад, ки таркиби луғавии ҳар як забон таърихи таҳаввули забони ин ё он ҷомеаро равшан месозад. Таркиби луғавии ҳар як забон тараққиёти таърихии соҳибони забонро равшан месозад.

Зербоби дуюми боби сеюм “Идиома манбаи асосии консептҳои таҳқиқшаванда” омадааст, ки фаҳмиши комили идиома аз се хусусият иборат аст: а) норавшанӣ, ки маъноҳои гуногунро ифода мекунад; б) таркиби эзоҳоти устувор, ки дар доираи тобишҳои маҷозӣ қарор мегирад; в) табиати хоси идиома, ки бо баррасии маънои ҷузъҳо дар равиши амиқи тафаккури маърифатӣ ва бознигарии пайвастаи маъно алоқаманд аст

Дар ин зербоб, диссертант дар умум 250 идиомаҳои тоҷикро дар асоси ӣ "Фарҳанги ибораҳои рехта"-и Фозилов М. "Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд"-и Зоҳидов А. ва Осимова Б., инчунин "Фарҳанги ибораҳои халқӣ"-и Абдуллозода Р. гирдоварӣ намудааааст.

Дар зербоби сеюми ин боб “Нақши консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар ташаккули зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ” мафҳуми “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ”, "richness" and "poverty" дар забонҳои мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Зербоби чоруми боби сеюм “Таркибҳои когнитивии фразеологии консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” перомуни сохтори асосии когнитивии шарҳи консептҳои луғавӣ мебошад. Вобаста ба мафҳумҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар забони тоҷикӣ аз лиҳози маънои маҷозӣ фарқи калон надоранд, вале рамзҳо дар таркибашон нақши муҳим бозида, бештар барои интиқоли маъно ва паёми фарҳангӣ истифода гардида, аз ҷониби диссертант баррасӣ гардид.

Зербоби панҷуми ин боб ба “Ҷараёни инкишофи консептҳои таҳқиқшаванда дар забони тоҷикӣ” (дар охири асри XX) бахшида шудааст.

Дар ин зербоб муҳаққиқ ба самти забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) зери роҳнамоӣ ва роҳбарии доктори илми филололгия, профессор Искандарова Д.М. такя намуда, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули мавзуи мазкурро то андозае илман муайян кардааст.

Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ-техникӣ, калимасозӣ-грамматикӣ, услу бӣ-наҳвӣ ва робитавӣ-мавзуӣ ба назар мерасад, ки зикри он ва ба назар гирифтани онҳо дар тақвияти маҳорат ва такмили равишҳои илмии кор бо мавод ва таҳлилу натиҷагириҳои диссертант айни муддао хоҳад буд.

Баъзе аз норасоиҳои имлоӣ-техникӣ ва аломатҳои китобати матни диссертатсия аз ин қарор мебошанд;

1. Дар боби якуми рисола фикру андешаҳои назарии олимони соҳаи ватаниро дар шакли васеъ истифода намуда, аз чи сабаб бошад далелҳои забонии олимони англисро кам ба махоизи таҳлилу таҳқиқ рӯ овардааст.
2. Зербоби сеюми боби дуюм дар хусуси ифодаи маҷозии консепти "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ равона гардида, сарчашмаҳои ин боб ба таҳқику тафсилоти бештар ниёз доранд;
3. Муаллиф ҳангоми навиштани рисола ва фишурдаи он ба баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва китобатӣ роҳ додааст;
4. Дар саҳ. 6, 10, 48, 73, 97-и рисола бошад, баъзе норасоиҳои мантиқии ҷумлаҳо ва услубӣ ба назар мерасад;
5. Ҳаногими навиштани диссертатсия ва автореферат муаллифи он ба иштибоҳоти техникӣ ва имлоӣ роҳ додааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нуқсонҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, ҳусни умумиилмии корро паст намекунанд ва диссертатсияи Айюбзода Хуршеда дар мавзуи «Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори таҳқиқии комил ва анҷомёфта маҳсуб меёбад.

Автореферати диссертатсия, мақолаҳои нашрнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ ва гузоришҳои илмии ӯ муҳтавои асосии кори таҳқиқиро фаро гирифтаанд.

Диссертатсияи Айюбзода Хуршеда дар мавзуи «Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ Муродзода Баҳриддин Раҳмон омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз "07" майи соли 2025, протоколи №10/1 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедра иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 19 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест. Протоколи №10/1 аз 07-уми майи соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент,
мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Муродзода Баҳриддин Раҳмон

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони
кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Давлатзода Файзиддин Ҷамил

«Имзоҳои н.и.ф., Ш.Ш. Гуламадшоев, Б.Р. Муродзода ва Ҷ.Ф. Давлатзода-ро тасдиқ мекунам»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Амиров Файзуллохуҷа Азизович

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«07» майи соли 2025

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, хиёбони С. Сафаров, 16
Тел: +992(83322) 2-35-06; +992(83322) 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj.